**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзуи «Такмилдиҳии накшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит**

аз 20 августи соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич (раис), доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳимов Сайдали Холович (аъзо), номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Маъдиев Саъдихоҷа (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 24 июли соли 2026, суратмаҷлиси № 7/КЭ таъсис дода шудааст, диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзуи «Такмилдиҳии накшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин бароварданд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзуи «Такмилдиҳии накшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида маҳсуб меёбад. Дар он масъалаҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии равандҳои асосии такмили накшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ баррасӣ гардидаанд.

Бояд гуфт, ки ҷамъоварии иттилоот ва беҳтар кардани низомсозӣ, ки воқеияти фаъолият, ҷузъҳои асосии системаи иттилоотии баҳисобгирӣ, инчунин муомилоти тиҷоратӣ ва нигоҳдории маълумоти гурӯҳӣ таваҷҷуҳи зиёдро талаб мекунад, мушкили асосӣ мебошад. Нақшаи системаи баҳисобгирӣ барои идоракунии тиҷорат имрӯз муҳим аст, таҳияи он барои субъектҳои тиҷоратӣ мувофиқи низоми баҳисобгирӣ ва сиёсати дохилӣ асоси навоварӣ дар навсозии нақшаи баҳисобгирӣ мебошад. Нақшаи баҳисобгирӣ ва сохтори он низ баъзе камбудиҳои назаррас дорад, аз ҷумла арзиши истеҳсолот, баҳисобгирии андоз ва ташкили он, гуногунии фаҳмишҳо, натиҷаҳои молиявӣ ва тартиби баҳисобгирӣ. Бахшҳои дар боло зикршуда пурра таҳия шудаанд ва омӯзиши онҳо зарурӣ ва аҳамияти мавзуи интихобшуда ва самтҳои асосии таҳқиқотро муайян мекунанд.

Новобаста аз ин масъалаи зикргардида ҳалношуда боқӣ мемонад ва таҳлили назариявӣ ва методологии нақшаҳои баҳисобгирии умумӣ (баҳисобгирӣ, молия, идоракунӣ, стратегия), инчунин баҳисобгирии идоракунии равандҳои иқтисодиро талаб мекунад, ки аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян мекунад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шумор рафта, он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2025 (№353/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 6 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор

нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзуи «Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ инҳо таъин карда шаванд:

- **Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;
- **Манучеҳри Нозимии Раҷабзода** - доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Дадоматов Д.Н.

**Аъзои комиссия**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Раҳимов С.Х.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Маъдиев С.